**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-002 назди Донишгоҳи милии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 734025 хиёбони Рӯдакӣ 17)**

**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусият ташаккул ва рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ-ҳуқуқӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01. – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Мавзӯи диссертатсионии мазкур то ба имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони дохилю хориҷӣ мавриди омӯзиши куллӣ қарор дода нашудааст. Бинобар ин мавзӯи рисолаи илмӣ воқеан мубрам буда, дар омӯзиши масоили ташаккул ва қонунияти рушди низоми Суди Олии Тоҷикистон ва Россия дар марҳилаи таҳқиқшаванда маълумоти кофиро пешниҳод менамояд. Инчунин мубрамияти рисолаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки солҳои 1917-2019 дар таърихи давалтдории тоҷикон марҳилаи муҳим ба шумор рафта, фарогирандаи низоми шӯравӣ ва замони соҳибистиқлолӣ мебошад. Дар ин давра шаклгирии низоми нави идоракунии давлатӣ ва таъсисёбии мақомоти давлатӣ бавуқуъ пайвастанд, ки дар раванди давлатдории навини тоҷикон нақши муассир гузоштаанд. Таҳлили сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва рушди Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, табиати такомули онҳо дар замони шӯравӣ ва шаклдигаркуниашон дар замони соҳибхтиёрӣ, ошкорсозии ҷанбаҳои мусбат дар ташкилёбӣ ва фаъолияти онҳо, муайян намудани мушкилию дурнамои рушди низоми судӣ дар масири такмилёбии ҳуқуқии ҳокимияти судӣ, мубрамияти таҳқиқоти мазкурро мушаххас намуда таҳлили хаматарафаи онро дар доираи таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқӣ асоснок менамояд.

Аз матни автореферат бар меояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса ва феҳрести сарчашмаҳои истифодашаванда иборат мебошанд. Нишондиҳандаҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки рисолаи илмӣ асари комилан таҳияшудаи илмӣ буда, паҳлуҳои асосии рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россияро инъикос менамояд.

Унвонҷӯ дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқшавандаро бо далелҳо ва санадҳои муътамад асоснок намуда, моҳияти ташкили мақомоти олии судиро дар шароити муосир шарҳу тавзеҳ додааст.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони «Сарчашмаҳои умумииташаккул ва хусусиятҳои рушди Суди Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия» муайян карда шудааст. Дар ин боб аз ҷониби муаллиф масоили таъсис ва марҳилаҳои асосии рушди Судӣ Олӣ дар Тоҷикистон ва Россия, ҳайати давлати шӯравӣ ва шароити соҳибихтиёрӣ таҳқиқ гардиданд.

Боби дуюми рисола ба масъалаи «Таҳлили муқоисвии заминаҳои ҳуқуқии амалкунандаи ташкил ва фаъолияти Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия» бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф қайд менамояд, ки чӣ дар Точикистон ва чӣ дар Россия бо баробари рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва бо мақсади татбиқи асосҳои конститутсионӣ - ҳуқуқӣ, танҳо дар соҳаи ташаккул ва фаъолияти низоми судӣ қариб даҳҳо ташаббусҳои қонунгузорӣ ба миён омада, қонунҳо қабул гардидаанд.

Боби сеюм ба масъалаи «Сохтор, таркиб ва ҷанбаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ташаккули Судҳои ОлииҶумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия: таҳлили муқоисавӣ- ҳуқуқӣ», бахшида шудааст, ки фарогирандаи се зербоб мебошад. Муаллиф дар ин боби оиди Ҳокимияти судӣ дар низоми тақсимоти ҳокимиятҳо ва принсипҳои ташкили он дахл намуда, қайд менамояд, ки ҳокимияти судӣ - ин шохаи мустақил ва соҳибихтиёрӣ ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида шуда ҷамъбаст карда шудааст. Умуман диссертатсияи мазкур дар сатҳи

баланди илмӣ- назариявӣ ва дорои хусусияти амалӣ эҷод шудааст. Вобаста ба мавзӯъ ва вазифаҳои иҷрошуда андешаҳои нав ба назар мерасанд.

Дар умум мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ва ҳаматарафа таҳлил шуда, вазифаҳои дар кор гузошта шуда ҳалли худро ёфтаанд.

Дар баробари ин кори диссертатсионии Абдуллозода Ф.Н., чун ҳама гуна таҳқиқоти илмӣ нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ низ дорад.

1. Дар нуктаи илмӣ, ки дар банди дуюм ифода шудааст, муаллиф таъкид медорад, ки "Низоми судии Тоҷикистон ва Россия дар даврони қабл аз инқилобӣ дорои низоми судии хоси худ буданд, ки дар баробари махсусиятҳо, инчунин умумиятҳо ва вижагиҳои умдавиро доштанд". Дар воқеъ низоми судии дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ то инқилоб амалкунанда дар муқоиса бо низоми судии Россия амалкунанда махсусиятҳои худро доштанд, аммо мавҷудияти умумиятҳо дар низоми судии ин ду давлат масъалаи мубоҳисавӣ буда аз ҷониби муҳаққиқ кушода нашудааст.

2. Дар нуктаи илми сеюм, ки ба ҳимоя пешкаш мешавад, муаллиф таъкид мекунад, ки "Санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар гузариш аз низоми судҳои қабл аз инқилобӣ, ки дар шакли судҳои шариатӣ, қабилавӣ, анъанавӣ ва империявӣ амал мекарданд, ба низоми судии нави шӯравӣ инқилоби октябри соли 1917 ва инқилоби сентябрии соли 1920 дар Бухоро нақши муҳим ва марказиро бозидаанд". Муҳаққиқ таъсири санадҳои сиёсӣ-ҳуқуқиро ба шаклҳои судҳои то инқилоб аз қабили судҳои қабилавӣ ва анъанавӣ пешниҳод намдааст, аммо мавҷудияти ин судҳоро дар кадом минтақаҳо накушодааст.

Эродҳои зикршуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба паҳлуҳои мусбии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Рисолаи таълифшуда далели ба Дастурамал «Оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чоп шуда доир ба мавзуи

диссертатсия», ки бо қарори Раёсати олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст ва бандҳои 10, 11, 12 ва 16 тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), к ибо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Мавзуи татқиқотӣ ва автореферат ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Абдллозода Фарҳод Нусратулло сазовор ба унвони дараҷаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01.-назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Ректори Донишкадаи идоракунии**
**Давлатии назди Президенти Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ**
**Профессор** **Ғафурзода А. Д.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи идоракунии**
**Давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир 33**
**Телефон (992)37 224-17-86**
**E-mail info@did.tj**

**«Имзои Ғафурзода А.Д. -ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишкадаи идоракунии давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абдуалимзода И.И.**